«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи
С. Улуғзода доктори илмҳои
филологӣ, профессор
Гулназарзода Ҷ. Б. ________
«01» майи соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна дар мавзуи «Таҳлили мавзуии гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна дар мавзуи «Таҳлили мавзуии гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу» ба бандҳои 1-2 ва 4-5-4 шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) мувофиқат мекунад.

Дар адабиётшиносии тоҷик дар чанд соли охир ба масъалаи омӯзишу таҳқиқи адабиёти муосири Эрон диққати махсус дода мешавад. Аз ин лиҳоз, рисолаи номзадии Шодиева Фархунда ба мавзуи мубрамии адабиёти муосири Эрон бахшида шуда, диссертант дар раванди пажӯҳиш ба дастовардҳои муайян ноил гардида, мавзуи интихобшуда дар адабиёти тоҷик аз зумраи мавзуъҳои камшинохта мебошад.

Диссертатсия дар инкишофу вусъати таҳқиқоти илмӣ доир ба пайванди шеъри муосири Эрон ва шеъри муосири тоҷик, ҷараёнҳои тозаи шеър ва ҳамзамон, шинохту маърифати масири эҷодии шоири муосири Эрон Аҳмади Шомлу, нақши номбурда дар бунёду такомули шеъри сапеди Эрон, эҷоду густариши доираи мавзуи гузингӯяҳои адабӣ судманд хоҳад буд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Аҳмади Шомлу яке аз шоирони навовару навпардози адабиёти муосири Эрон буда, нахустин чақидаҳои қалами ӯ бо сабку шеваи суннатӣ таълиф ёфтаанд. Дар заминаи таъсирпазирӣ ва шинос шудан бо ашъори Нимо пайроҳаи эҷодии ӯро идома додааст. Дар баробари ин, сабку шеваи таълифи ашъораш тағйир ёфта, ба навпардозиҳои назаррас ноил гаштааст.

Шеъри форсӣ-тоҷикӣ зеҳни куллиест, ки дар он марому андеша, хираду ҳикмат, бовару эътиқод ва дигар нишонаҳои осори моддиву маънавии гузашта ва имрӯзаи ҷомеаи инсонӣ нигаҳдорӣ мешаванд. Шеъри Аҳмади Шомлу аз назари гунаҳои шеърӣ, ашъори суннатӣ, нимсуннатӣ, нимоӣ ва шеъри сапед ҷалби назар мекунад. Заминаҳои шеъри сапеди шоир яке аз баҳсбарангезтарин мавзуъҳои адабиётшиносӣ маҳсуб ёфта, таҳқиқи гузингӯяҳои шоир аз **мавзуъ ва масоили мубрами** илми адабиётшиносист.

Агар ба мавзуъҳои калидӣ дар гузингӯяҳои шоир мутаваҷҷеҳ шавем, маълум мегардад, ки мавзуи инсону рисолати он дар ҷомеа, ҷойгоҳи равшанфикрон дар рушду маънавии мардум, шеъру шоирӣ, рисолати як ҳунарманд, ҷойгоҳи фарҳангу адаб дар ҷомеа мебошад. Гирдоварию нашр ва пажӯҳишу баррасии чунин қисмати адабиёт барои мутахассисони соҳаи адабиётшиносӣ вазифаи аввалиндараҷа ва **муҳим** маҳсуб ёфта, рисолати мукаддимавии ҳар як адабиётшинос ба шумор меравад. Таҳқиқи адабиёти қишварҳои ҳориҷа дар адабиётшиносии тоҷик, асосан баъд аз соҳибистиқлолии миллӣ, бештар мавриди омӯзиш қарор дода шуда ва то кунун идома дорад. Дар ин замина, шинохти андешаҳо ва гузингӯяҳои Аҳмади Шомлу то ба имрӯз на танҳо дар адабиётшиносии тоҷик, балки дар адабиётшиносии Эрон низ мухтасар ва ё номукаммал таҳқиқ шудааст.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд**. Таҳқиқ ва маводи гирдоваришуда унвонҷӯро ба ин натиҷа расонида, ки истифодаи гузоришҳои илмӣ ва натиҷаҳои бадастомада дар ҷараёни таҳқиқ ва таълиму тадриси адабиёти муосири тоҷику форс, махсусан, шеъри нави Тоҷикистону Эрон бисёр пураҳаммиятанд. Гузингӯяҳои Аҳмади Шомлу дар шинохти ҷанбаҳои мухталифи адабиётшиносии муосири тоҷик, маърифати масоили назарии шеър, накшу рисолати шоиру муҳаққиқи адабиёт бисёр арзишманданд. Хулосаю пешниҳодҳои довталаби дараҷаи илмӣ натиҷа ва бардошт аз баррасии масоили дар бобу фаслҳои рисола матраҳшуда буда, асос ва ҷанбаи қавии илмӣ доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**. Рисолаи илмии Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна дар мавзуи «Таҳлили мавзуии гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу» як падидаи илмии наву пурмуҳтаво маҳсуб ёфта, дар илми адабиётшиносӣ бори нахуст гузингӯяҳои шоир ба доираи таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Ҳамчунин, дар ҷараёни таҳқиқ ба омилҳои ташаккули шахсият ва ҳунари шоирии Аҳмади Шомлу таваҷҷуҳи вижа зоҳир гашта, диссертант кӯшиш ба харҷ додааст, ки накшу таъсири накди адабӣ, ҳавзаҳои адабӣ ва маҷаллаву рӯзномаҳои замони шоирро дар рушду нумуи ҳунари эҷодии ӯ таъин намояд. Яке аз навгониҳои дигари кори таҳқиқӣ дар он аст, ки ҷараёни ташаккули шахсияти адабии Аҳмади Шомлу дар ҳамбастагӣ бо муҳити адабии замонаш таҳлилу накд ва баррасӣ шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия** бар он асос меёбад, ки хулосаҳои муаллифи диссертатсия дар инкишофу вусъати таҳқиқоти илмӣ зимни баррасии масоили марбут ба шеъри муосири Эрону шеъри муосири тоҷик, накду таҳқиқи ашъори шоирону намояндагони ҳарду адабиёт ёрӣ расонида метавонад. Илова бар ин, ба андешаҳои назарӣ ва накду баррасиҳои муаллифи диссертатсия зимни омӯзиши минбаъдаи гузингӯяҳои адабӣ метавон такя кард.

Аҳаммияти амалии кори таҳқиқии мавриди назар дар он зоҳир мешавад, ки маводди фароҳамомада, хулоса ва натиҷагирии илмии муаллиф дар ҷараёни таълифи китобҳои дарсии таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва накди адабӣ, тадриси курсу семинарҳои махсус оид ба шеъру шеършиносӣ, навиштани рисолаҳои номзадӣ, доктории дараҷаи PhD, магистрӣ ва рисолаҳои хатм дар факултетҳои равияи филологию шаркшиносӣ ёрӣ расонида метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Шодиева Фархунда аз чанд ҷиҳат эътимоднок буда, пеш аз ҳама, дар заминаи ҷустуҷӯ, накду баррасӣ, муҳокимаю мубоҳиса ва дар асоси бурҳону далелҳо ба натиҷаҳои мушаххас расидани ӯ зоҳир мешаванд. Кори таҳқиқии мавриди назар бо барномаҳои илмӣ пайванди қавӣ дошта, дар ҳар фаслу зерфасл ва бобу дигар бахшҳои диссертатси баҳсҳои пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои асоснок ба мушоҳида мерасанд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда низ асоси илмӣ дошта, натиҷаҳои таҳқиқ ба шакли ҷомеъ дар 16 банд манзур шудаанд ва боэътимоду асосноканд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Таҳқиқи вижагиҳои шинохти ашъори Аҳмади Шомлу, аз ҷумла гузингӯяҳо бо дидгоҳи ғоявиву эстетикӣ асоси ин диссертатсия қарор гирифта, баррасии масоили марбут ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Аҳмади Шомлу, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, истиқлоли андеша ва баҳсҳои пурсуди илмӣ дар атрофи мавзуи таҳқиқ, натиҷа ва хулосаҳои асосии кор ҳамагӣ аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Ҳамчунин, саҳми шахсии диссертантро иштирок дар маҳфилу ҳамоишҳои илмӣ ва интишороти ӯ доир ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон собит менамоянд.

Дар маҷмуъ, дар диссертатсияи Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна як зумра масъалаҳои мубрами марбут ба адабиётшиносии муосири Эрон ва саҳми Аҳмади Шомлу дар рушду инкишофи он мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шудаанд. Ҳамзамон, авзои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии замони шоир бо такя бар сарчашмаҳои муътабари адабиву илмии ин давра баррасӣ гардидааст. Махсусан, таҳлилу арзёбии вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабии Эрон дар солҳои чилум, намунаҳои шеъри шоирони таъсиргузор шеъри навпардозона, таҳқиқи анвои шеър дар девони А. Шомлу, баррасии гузингӯяҳои

шоир ва омӯзиши мавзуъҳои гузингӯяҳо ва ғайра қолиби тавоҷҷуҳ ва шоистаи истиқбол мебошанд. Лозим ба зикр аст, ки дар ин диссертатсия яке аз ҷанбаҳои муҳимми эҷодии шоир гузингӯяҳо мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшаванда**. Муҳтавои асосии диссертатсияи Шодиева Фархунда ва бардошту натиҷагириҳои ӯ аз таҳқиқи мавзуи мавриди назар дар 5 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст, аз ин теъдод 3 мақолаи довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Матни гузингӯяҳо, ки дар диссертатсия таҳлилу арзёбӣ гардидаанд, нишонгари он аст, ки таҳқиқ ба гунаи шоиста анҷом шуда, бахши асосии он ҳангоми шарҳу баёни мафҳуму истилоҳоти марбут ба масоили навпардозӣ дар шеър маводи қобили мулоҳиза аст.

Ба таври умум, омӯзиши гузингӯяҳо, дидгоҳҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу дар шинохту маърифати масири эҷодӣ, рушду камоли ҳунарӣ, шахсияти адабӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти муосири форсӣ пураҳаммият аст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз нигоҳи сохтор аз муқаддима, 3 боб, 14 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфта, ҳаҷми умумии кор 178 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

**Боби аввали** диссертатсия **«Авзои сиёсӣ-иҷтимоии Эрон дар солҳои чилуми асри XX»** ном дошта, аз 4 фасл фароҳам омадааст. Дар фасли аввал перомуни таърихи муосири Эрон, махсусан, даҳаи чилум маълумот дода шудааст. Тибқи мушоҳидаҳои диссертант адабиёти муосири Эрон дар ин давраи таърихӣ ба пешрафтҳои амиқе рӯ ба рӯ гардид.

Унвони **фасли дуюм «Вижагиҳои фарҳангӣ-ақидатии ҷомеа»** буда, дар он муҳимтарин хусусиятҳои фарҳангӣ-ақидатии давраи мавриди назар баррасӣ гаштааст. Вобаста ба ин гуфта метавон, ки ҷомеаи эронӣ дар даҳаи чилум ва ибтидои даҳаи панҷоҳум аз нигоҳи вазъи фарҳангиву ақидатӣ шомили хусусиятҳои намоёне буд, ки шеър таҳти таъсири он қарор мегирифт. Аз баррасиҳои дар ин фасл суратгирифта бармеояд, ки арзишмандтарин ҷиҳати фарҳангии замони Муҳаммад Ризошоҳ гуногунии ақидатӣ-фарҳангии мардум ва гуногунандешӣ буд, ки қутби мухолифи Ризохон буд. Диссертант ба таҳқиқи ин масоил мутаваҷҷеҳ шуда, дар такя бар афкори онҳо ба ин натиҷа мерасад, ки дар ин давра андешаҳои сотсиалистӣ вусъати бештар ёфт.

**Фасли сеюм «Таъсири нашрияҳои адабӣ-иҷтимоӣ дар рушди шеъри муосири форсӣ»** ном гирифта, атрофи нашрияҳои давраи мавриди назар маълумот дода шудааст. Ба андешаи муаллифи диссертатсия, таъсиргузортарин нашрияҳо дар ин давра маҷаллаи «Сухан», «Номаи мардум», «Паёми нав»,

«Хурӯси ҷангӣ», «Ҷоми Ҷам», «Кабӯтари сулҳ», «Илму зиндагӣ», «Фарҳанги нав» ва ғайра буданд. Маҷаллаи номдори «Сухан» яке аз нашрияҳои маъруфтарини ин давра буда, то солҳои ҳафтодуми асри гузашта ба нашр расидааст.

Унвони фасли чаҳоруми боби аввал **«Ҷараёнҳои шеърӣ дар даҳаи чилуми асри ХХ»** буда, тавсифи мухтасари ҷараёнҳои шеъриро дарбар мегирад. Диссертант дар оғоз аз баргузории аввалин анҷумани нависандагони Эрон дар соли 1946 ёдовар шуда, қайд кардааст, ки ин анҷуман вазъияти адабиёти форсиро дар заминаи назму наср, муайян намудани ҷараёнҳои шеърӣ ва ҷойгоҳи адабиёти муосирро дар қиёс ба адабиёти ҷаҳон таҳлилу баррасӣ намудааст. Ҳамчунин, дар ин фасл дар атрофи ҷараёни шеъри озод ё шеъри нимоӣ ва шеъри мансур маълумоти қобили таваҷҷуҳ ба назар мерасад.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Зиндагинома ва мероси Аҳмади Шомлу»** номгузорӣ шуда, аз чаҳор фасл иборат аст.

**Фасли аввали боби дуюм** ба шарҳи ҳоли Аҳмади Шомлу бахшида шуда, дар он мушаххасоти таваллуд, айёми кӯдакию наврасӣ, таҳсил ва омилҳои ташаккули шахсияту ҷаҳонбинии адиб матраҳ шудаанд. Дар ин фасл шарҳи илмии зиндагиномаи шоир дар такя ба манобеи шарҳиолӣ, энсиклопедӣ ва осори назарии дастрас сурат гирифтааст.

**Дар фасли дуюм – «Мероси Аҳмади Шомлу»** вуруд ба майдони адабӣ ва маҷмуаҳои ашъори шоир таҳлилу баррасӣ гаштаанд. Тибқи мушоҳидаҳои диссертант, Аҳмади Шомлу аз худ мероси гаронбаҳоеро дар пояи шеъру наср, тарҷума, мақолоти публисистӣ ва осори назарӣ боқӣ гузоштааст.

**Фасли сеюми боби дуюм** ба таҳлили **пешинаи таҳқиқ** гиреҳ хурда, дар ин фасл нақду таҳқиқ ва баррасиҳои дар атрофи мероси адабии Аҳмади Шомлу суратгирифта матраҳ шудаанд. Қайд шудааст, ки фаъолияти эҷодии Аҳмади Шомлу аз оғоз мавриди таваҷҷуҳи мунаққидон ва ҳамқаламону пайравонаш будааст. Атрофи эҷодиёти шоир таҳқиқоти зиёде аз ҷониби шарқшиносони машҳури ҷаҳон анҷом ёфта, онҳо дар рисола қайд шудааст. Ба назари мо, ин фасли кори диссертатсионӣ аҳаммияти назарӣ ва амалии вижа дошта, барои муҳаққиқони дигари рӯзгору осори Аҳмади Шомлу ёрӣ расонида метавонад.

**Фасли чоруми боби мазкур** фарогири баҳси **«Анвои шеърӣ дар девони Аҳмади Шомлу»** мебошад. Ҳангоми баррасии мавзуи зикршуда таъин шудааст, ки Аҳмади Шомлу монанди дигар шогирдону пайравони Нимо дар ибтидо бо шеърҳои суннатӣ ба майдони адабиёт ворид шудааст. Гунаи дигари эҷодиёти шоир, ки дар ин фасл таҳқиқ шудааст шеърҳои нимасуннатӣ будаанд, ки дар шаклгирии онҳо аз аркони сегона рукни сурат ё қолаб дучори тағйиру дигаргунӣ мешавад.

Худи шоир яке аз бунёнгузорони шеъри сапед ё мансур аст, ки зимни офариниш шоир аз табиитарин ва муносибтарин сохтор барои шеъраш

истифода намудааст. Аз баррасиҳои дар ин фасл анҷомёфта маълум мешавад, ки шеъри Аҳмади Шомлу аз мусиқии хоссу оҳанги вижае бархӯрдор аст, вале дар ин мусиқӣ арӯзи суннатӣ ба назар нарасида, гузашта аз ин, бо намунаҳо аз ашъори Нимо низ якранг нестанд.

**Боби сеюми** диссертатсия «**Таҳлили мавзуии гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу»** унвон дошта, масъалаи асосӣ дар ин қисмат таҳқиқу баррасии мавзуъҳои гузингӯяҳо ва дидгоҳҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу мебошад. Дар **фасли аввали** боби сеюм мафҳум ва маънии истилоҳии гузингӯя шарҳу тавзеҳ дода шудааст ва қайд гардидааст, ки гузингӯяҳо калимаҳои кӯтоҳе мебошагж, ки маънии камолёфта ва кӯтоҳу қисор доранд, хеле зуд ба зеҳн менишинанд ва аз ҷониби дигар инсонҳо мавриди корбурд қарор мегиранд.

**Дар зерфасли аввал– «Гузингӯяҳо перомуни зиндагӣ»** масоили матраҳшуда ва арзишу аҳаммияти чунин андешаҳо ҷалби таваҷҷуҳ мекунанд. Воқеан, муаллифи диссертатсия барҳақ ишора кардааст, ки Аҳмади Шомлу ба зиндагӣ аз паҳлуҳои гуногун назар афканда, бештар аз ҳама пайванди таҷрибаву зиндагӣ таваҷҷуҳи ӯро ба худ ҷалб кардааст. Нахустин гузингӯяи Аҳмади Шомлу атрофи ҳамин масъала буда, ӯ бар ин назар аст, ки дидгоҳҳои дигаронро роҷеъ ба зиндагӣ набояд ба сифати воқеияти мутлақ пазируфт.

**Зерфасли дуюми фасли аввали боби сеюм** фарогири баҳсу баррасии андешаҳои шоир роҷеъ ба равшанфикрон ва нақши онҳо дар ҷомеаи адабӣ мебошад. Аз таҳлилу таҳқиқи ин бахши гузингӯяҳо диссертант ба чунин хулоса омадааст, ки онҳо бо шеъру адабиёт пайванди қавӣ дошта, «таҳқиқи гузингӯяҳои мазкур дар шинохти шахсият ва ҷойгоҳи адабии шоир бисёр пураҳаммият аст» (диссертатсия, с. 117).

**Дар зерфасли сеюм мавзуи «Гузингӯяҳо дар бораи шеър ва анвои он»** баррасӣ шудааст. Собит шудааст, ки гузингӯяҳои шоир перомуни шеър бисёртар дар пояи навоварию навпардозиҳое зуҳур кардаанд, ки бо гузашти замон дар шеъри муосири форсӣ падид омадаанд.

Агар дар **фасли дуюми боби сеюм гузингӯяҳо перомуни шоир, ҳунар ва мафҳумҳои марбут ба онҳо** матраҳ гардида бошанд, дар фасли сеюми боби мазкур масоили марбут ба **нақду мунаққид дар гузингӯяҳо** ба доираи таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Дар ҷараёни таҳлилу таҳқиқи чунин мавзуъ ва масъалаҳо ишора шудааст, ки Аҳмади Шомлу аз ҳар ҷиҳат ба мавқеият, ҷаҳоннигарӣ ва ҷойгоҳи шоир назар афканда, миёни гузингӯяҳои ӯ мавзуи нақду наққодӣ, нақши ноқид дар рушди ҳунари эҷодии суханварон ҷойгоҳи вижа дорад.

**Фасли чаҳоруми боби сеюм «Мавзуи калима ва нақши он дар гузингӯяҳо»** номгузорӣ шудааст. Андешаҳои шоир перомуни калима, диссертантро ба ин натиҷа расонидааст, ки шоир дар давоми фаъолияти эҷодиаш ҳамеша ин мавзуъро баррасӣ ва атрофаш андешаронӣ намудааст.

**Зербоби панҷум «Навиштан ва нависанда аз диди шоир бар асоси гузингӯяҳо»** унвон дошта, дидгоҳҳои завқии шоир дар он таҳлилу баррасӣ гаштаанд. Маълум мешавад, ки дидгоҳҳои шоир бештар хусусиятҳои завқӣ-тавсифиро доро буда, баъд аз андешаву хаёли тӯлонӣ шоир баёни мухтасари назаргоҳашро ба шунавандагонаш иброз медорад.

**Дар зербоби шашум** мавзуи ҳиҷрат мавриди омӯзиш қарор гирифта, муаллиф бештар ба гузингӯяҳое, ки фарогири мавзуъҳои гуногуни ҳаётиянд муҳим мебошанд, мароқ зоҳир намудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант дар 12 банд оварда шудаанд, ки аксари онҳо натиҷаи ковишу баррасиҳои пурвусъати ӯст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда, агар, аз як тараф, паҳно ва вусъати баррасии мавзуъро нишон диҳад, аз ҷониби дигар, баёнгари сатҳи баланди илмии ин кор мебошад. Инчунин, ин нуктаро баҳсҳои диссертант бо муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар заминаи адабиётшиносӣ собит месозад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мутобиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия ва маводи нашрнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 3 номгӯйи он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна дар мавзуи «Таҳлили мавзуии гузингӯяҳои ва андешаҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) сазовор мебошад. Илова бар ин, лаёқати баланди илмии диссертант қобили таваҷҷуҳ буда, фаъолият ва таълифоти илмии ӯ бевосита ба самти адабиётшиносӣ иртибот ва мувофиқат мекунанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастовардҳои зиёди илмию таҳқиқӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани ҳусни илмии кор аз аҳаммият холӣ нест:

1. Ба андешаи мо, зерфасли чоруми боби дувум, ки ба пешинаи таҳқиқ ихтисос дорад, дар зерфасли аввали боби мазкур оварда мешуд, ба мақсад мувофиқ буд.

2. Ҳарчанд мавзуи аслии таҳқиқ ба гузингӯяҳои шоир ихтисос дорад, вале бо шумори ин ки Аҳмади Шомлуро ҳамчун поягузори шеъри мансури Эрон

мешиносанд, зерфасле роҷеъ ба ҳамин ҷанбаи эҷодиётии шоир ҷудо мегардид, беҳтар буд.

3. Дар диссертатсия аз муҳаққиқони тоҷик танҳо бо зикри ном иктифо шудааст. Дар сурате, ки ҷараёни таҳқиқ иқтизо дорад, атрофи корҳои анҷомшуда маълумоти бештаре дода шавад, чун омӯзишу маърифати шеъри Шомлу дар Тоҷикистон хеле барвақт шуруъ шудааст.

4. Дар диссертатсия ва автореферати он ҷо-ҷо Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломати китобатӣ риоя нагардида, ба талаботи ин қоида мутобиқ кардани маводи диссертатсия зарур аст. Аз ҷумла, калимаҳои «конференсияҳо» (автореферат, саҳ. 9) ва «конгресс» (автореферат, саҳ. 10) истифода гардида, ба назари мо, ба як шакл навиштани онҳо беҳтар аст. Ҳамчунин, калимаҳои «хусуссият» ва «хосса» бояд бо як ҳарфи «с» навишта шаванд.

5. Дар тарҷумаи русии автореферат низ баъзе иштибоҳҳои имлоӣ ба мушоҳида мерасанд: Аз ҷумла, калимаи «литературы» (с. 3), «прославленный» (с. 4), «интервью» (с.12), «важнейшие» (с. 14).

Ба ҳеҷ ваҷҳ, камбудиҳои зикршуда арзиши илми кори таҳқиқиро коҳиш намедиҳанд. Муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузоштаашро дар сатҳу савияи зарурии илмию таҳқиқӣ ба анҷом расонидааст. Аз диссертатсияи номзадии тақризшаванда маълумоти фаровон ва далелҳои ҷолиби таърихию адабӣ гирифтан мумкин аст. Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ буда, онро дастоварди тоза дар адабиётшиносии тоҷик муаррифӣ намудан мумкин аст.

Автореферати диссертасия тибқи тартиби муқаррargардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардид.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Шарқи Наздики Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Турсунов Ғолиб омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи филологияи Шарқи Наздики Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима ва тасдиқ шудааст (протоколи № 9 аз 26-уми апрели соли 2025).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 10 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 10 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**

номзади илмҳои филологӣ, мудири
кафедраи филологияи Шарқи Наздики
факултети тарҷумонии забонҳои Шарқи
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода — Солиҳов Наҷмиддин Ҳамдамович

**Эксперт:**

номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи филологияи Шарқи Наздики
факултети тарҷумонии забонҳои Шарқи
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода — Турсунов Ғолиб Абдусобирович

**Котиби илмии ҷаласа:**

номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони
кафедраи филологияи Шарқи Наздики
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода — Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич

**Имзоҳои Солиҳов Н.Ҳ.,
Турсунов Ғ.А. ва Сайфуллоев М.Ҳ.-ро
тасдиқ мекунам:**

сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода — Юсупова Б. Ғ.

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ба номи СОТИМ УЛУҒЗОДА
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиев,17/6
Тел: +992 (37) 2325000, 2328730, факс: 2325003
mail: rector@ddzt.tj; info@ddzt.tj; ddzt@ddzt.tj
Сомона: www.ddzt.tj